**Тақриз**

*ба автореферати диссертатсияи номзадии Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи “Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист” (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ*

Мавзӯи диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода дар фазои илмии журналистикаи тоҷик муҳим буда, яке аз масъалаҳои миҳим – нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналистро фаро мегирад. Муҳаққиқи ҷавон қайд мекунад, ки бо таҳаввулоти фазои иттилоотӣ, шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ пешрафти технологияи коммуникатсионӣ, баланд гардидани савияи дониш ва ҷаҳонбинии аудитория, дар ҷойи аввал қарор гирифтани фаврият ва саҳеҳият, баёни андешаву фактҳои мухталиф дар ВАО мушкилоти навро пешорӯ қарор медиҳад. Аз ин рӯ таҳқиқи нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист ва риояи категорияву меъёрҳои мантиқ аз ҷониби журналистон зарур аст.

Унвонҷӯ Шоҳиён Мансур Бойзода нахустин муҳаққиқест, ки дар асоси маводи ВАО-и тоҷик қонунмандиҳои мантиқ дар журналистикаро таҳлил карда, риояи категорияву меъёрҳои мантиқро дар фаъолияти эҷодии журналистон нишон додааст.

Объекти таҳқиқи диссертант телевизионҳои «Телевизиони Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Варзиш», радиоҳои «Радиои Тоҷикистон», «Имрӯз», «Овози тоҷик», нашрияи «Ҷумҳурият» ва сомонаи он, сомонаи «Радиои Озодӣ», инчунин хабаргузорӣ, ҳафтанома ва сомонаҳои иттилоотии «Нигоҳ», «Тоҷнюс», «Озодагон» ва ғайра интихоб шудаанд.

Автореферат мухтавои рисоларо асосан ифода мекунад. Номгузории фаслу бобҳои диссертатсия мантиқан бо ҳам пайванд дошта, муназзамияти таҳлилу андешаронии муаллифро таъмин кардаанд.

Боби аввали диссертатсия «Вижагиҳои мантиқии мундариҷаи намоишҳои телевизионӣ ва гуфторҳои радиоӣ» ном дошта, фарогири се фасл аст. Дар натиҷаи таҳлили ин боб диссертант ба ин натиҷа расидааст, ки

муаллифони барномаҳо маҳорат ва услуби хос дошта, дар онҳо матну усул ва муҳтавои мантиқӣ пурра ба инобат гирифта шудаанд.

Дар фаслҳои ин боб омилҳои роҳ ёфтани камбудиҳои мантиқӣ дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ, риояи қонуну категорияҳои мантиқ дар онҳо, дарк накардани моҳияти масъала, ноогоҳӣ аз далелҳои илман исботшудаи марбут ба масъалаи баррасишаванда; афзалият додан ба сареъият ва камтаваҷҷуҳӣ ба муҳтавои матлаб; дар сатҳи зарурӣ надонистани меъёрҳои забони адабӣ, мувофиқати навор бо сухани журналист ва муҳтавои аксу тасвирҳо бо мазмуни матнҳои нашрияҳои даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ, нақши матбуоти даврӣ дар таҳлилу баррасии барномаҳои радиоиву телевизионӣ, бо назардошти ҳусну қубҳи онҳо дар доираи категорияҳои мантиқ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Ба андешаи диссертант, рушди технологияи коммуникатсионӣ ва беҳтар гардидани шароити техникии идораҳои ВАО ба баланд гардидани касбияти журналистон ҷиҳати истифодаи аксу суратҳо мусоидат намудааст. Диссертант дуруст хулоса мекунад, ки на ҳамаи нашрияҳои даврӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ба фаъолияти радиову телевизион қонуниятҳои мантиқро ба таври бояд риоя мекунанд

Боби дуюми диссертатсия – «Категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ дар журналистика» низ аз се фасл иборат буда, баҳси илмиро оид ба категорияҳои асосии мантиқ: мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ ва алоқамандиии онҳоро дар фаъолияти журналистӣ дар бар мегирад. Дар ин боб вижагиҳои қонунҳои мантиқ ва таносуби истифодаи онҳо дар фаъолияти журналистӣ, истифодаву риояи категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ, ду назарияи ба ҳам зиди хулосабарорӣ: назарияи коммунистии шӯравии журналистика ва назарияи аврупоии журналистика (назарияи Ғарб) дар робита ба фаъолияти эҷодии журналистони расонаҳои объекти таҳқиқ қарордошта

Ба андешаи диссертант, шароити муосир ба шаклгирии чунин имкон фароҳам овардааст, ки чунин навъи муҳокимарониҳо шакл гиранд: а) муҳокимаи яктарафа; б) муҳокимаи воқеӣ; в) муҳокимаи ғаразнок; г) муҳокима – таҳқир; ғ) муҳокима – манфиат; д) муҳокима – тақвият.

Диссертант ҳар яке аз ин навъи муҳокимарониҳоро маънидод карда, хусусият ва дараҷаи истифодаи онҳо дар маводи воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуоти давриро ба таври густурда таҳлил намудааст.

Дар хулоса автореферат натиҷаҳои таҳқиқ ба таври мухтасар зикр гардидаанд.

Дар баробари ин, дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат ҷасорат ё таҷрибаи илмии муаллиф камтар ба назар мерасад. Ҳол он, ки дар мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф таҳлилҳо хеле боҷуръатона буда, мавсуфро ҳамчун муҳаққиқи соҳибандеша намо медоданд.

2. Баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ ҳусни давтореферятро коҳиш додаанд.

Камбудиҳои баёншуда арзиши илмии авторефератро кам намекунанд ва автореферати рисолаи илмии Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи “Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист” (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон) бо муҳимият, навгониҳои илмӣ, тарзи таҳқиқ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Директори Академияи
воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон,
номзади илмҳои филологӣ З. Исмоилзода

Индекс: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25.
Тел.: (992) 919-32-34-02
E-mail: zinatullo@mail.ru

Имзои Зинатуллоҳ Исмоилзодаро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳои Академияи
воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон Рафоати Зайниддин.

ШУЪБАИ КАДРҲО

24.02.2021